# Tajik State University of Commerce

## Course name: Introduction to Political Science

## Week 10: Political Parties and Mass Movements

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 10: Ҳизбҳои сиёсӣ  ва ҳаракатҳои оммавӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Накшаи лексия:

1.Ҳизбҳо ва зарурияти пайдоиши онҳо

2.Аломат ва вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ

3.Ҳаракатҳои оммавӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ

4. Системаи ҳизбӣ ва навъҳои асосии он

5. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа

# 1.Ҳизбҳо ва зарурияти пайдоиши онҳо

Ҳизб иттиҳоди мураккаби ихтиёрии одамонест, ки умумияти манфиатҳо онҳоро ҳамақида гардонида, баҳри ба даст овардани ҳокимият, ё ҳеҷ набошад дар тақсими мансабҳои давлатӣ иштирок доштан, мубориза мебаранд.

Ҳокимиятро ба он хотир ба даст даровардан мехоҳанд, ки тавассути он ҳадафҳояшонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалӣ намоянд.

Пайдоиши ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои гуногун дар ҷамъият ба омилҳои муайяни иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ вобастаанд.

Ҳанӯз дар давраи атиқа ба воситаи мафҳуми «партия» иттиҳодияҳои сиёсиеро ифода менамуданд, ки фаъолияти онҳо ҳадафҳои сиёсӣ доштанд. Дар адабиёти илмии Ғарб мафҳуми «ҳизб» ба воситаи калимаи «партия» ифода карда мешавад (лот. pars, partis – қисм, гурӯҳ). Аммо, иттиҳодияҳои сиёсиеро, ки дар сохтори ғуломдорӣ ва феодалӣ арзи ҳастӣ менамуданд, шартан ҳизб номидан мумкин буд.

Барои пайдошавии ҳизбҳои сиёсӣ шароитҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ зарур аст. Воқеияти сиёсии асри XIX ва ибтидои асри XX қувваҳои ҷамъиятиеро ба майдон овард, ки шароити вуҷудоштаро дар ҳаёти ҷамъиятӣ тағйир додан мехостанд. Асоси ин ҷумбишҳо ба он нигаронида шуда буд, ки ҳокимияти сиёсиро ба даст оварда, тавассути он ҳадафҳои сиёсию иҷтимоияшонро дар ҷамъият ҷорӣ намоянд.

Ҷунбишҳои сиёсӣ ин кӯшишҳои дастаҷамъии одамон баҳри амалисозии ҳадафҳои умумист.Ҷунбишҳои сиёсӣ чунин марҳилаҳоро тай намудаанд:

1. Сохтани заминаи ҳаракат, коркарди барнома, ташаккули кӯшиш ва мақсадҳои умумӣ;

2. Тарғиботи сиёсӣ, инкишофи фаъолияти сиёсӣ, хомушшавии ҳаракати сиёсӣ, ки дар ҳалли ҳаракатҳои сиёсӣ иштирок доштани ин марҳилаҳо шарт нест.

Алҳол нуқтаи назари Макс Вебер (1864-1920) доир ба марҳилаҳои пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби сиёсатшиносон қабул шудааст. Вай се марҳиларо дар ташкили ҳизбҳои сиёсии Аврупо нишон додааст:

1. Намояндагони камшумори элитаҳои сиёсӣ аз ҳисоби гурӯҳҳои аристократӣ дар асрҳои **X**VI- XVII дар Аврупо ба вуҷуд омада, маҳфилҳоро ташкил намудаанд.

2. Дар асрҳои XVII- XIX як гурӯҳи аз ҷиҳати фаъолияти сиёсӣ хеле фаъоле, ки на танҳо дар сиёсат, балки дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок доштанд, дар клубҳои сиёсӣ ҷалб карда шудаанд.

3. Марҳилаи ташаккули ҳизбҳои сиёсии оммавӣ.

Ҳизб ҳамчун институти сиёсӣ марҳила ба марҳила ба дигаргунӣ дучор мегардад ва таҳаввулоти он дар баррасиҳои назариявӣ ва афкори ҷамъиятию сиёсӣ низ ба мушоҳида мерасад. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи ҳизб ба яке аз самтҳои алоҳидаи илмҳои сиёсӣ мубаддал мегардад ва он минбаъд ҳамчун партология, яъне илм дар бораи ҳизбҳо ташаккул меёбад.

Ба ақидаи Дюверже ба сифати ҷанини ҳизбҳои сиёсӣ чунин сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ: Иттифоқи касаба, Ҷамъияти файласуфҳо, Асосиатсия ва иттиҳодияҳои деҳқонӣ, Калисо ва иттиҳодияҳои диндорон, Ташкилоти донишҷӯёну ҷавонон, Иттиҳодияҳои собиқадорони ҷанг, Ташкилот ва ҷамъиятҳои махфӣ, Гурӯҳи манфиатдорони корпоративӣ, Ҳаракатҳои иҷтимоӣ баромад карда метавонанд.

Марҳилаҳои асосии пайдоиши ҳизбҳои сиёсии имрӯза:

а. Ҷорӣ намудани ҳуқуқи интихоботи умумӣ;

б. Бедоршавии шуури сиёсии пролетариат;

в. Бедоршавии шуури миллии халқҳо;

Дар сиёсатшиносӣ чор аломати ҳизбофариниро қайд кардаанд:

а. Ҳар кадом ҳизб соҳиби идеологияи хеш буда, назари хешро нисбат ба олам дорад;

б. Ҳизб ташкилоти дарозмуддати одамон дар дараҷаи гуногун аз маҳаллӣ то арсаи байналмиллалӣ мебошад;

в. Мақсади ҳизб ба даст овардан ва амалӣ сохтани ҳокимият аст;

г. Ҳар кадом ҳизб мекӯшад, ки соҳиби дастгирии халқ бошад.

Сиёсатшинос Дис Сартори системаи ҳизбҳоро чунин ҷудо кардааст:

- яккаҳизбӣ;
- духизба;
- ҳизби муққадам;
- ҳизбҳои муътадил;
- ҳизби ҳукмрон;
- бисёрҳизбии ба ҳиссаҳои хурд тақсимшаванда.

## Вобастагии системаи ҳизбӣ ба чанд омил вобастаанд:

а. Шакли идоракунии давлат: дар шароити шакли интихоботи президент иштирок намудану ғалаба кардан аст. Барои он ки мақсади асосӣ дар интихобот интихоб намудани як нафар аст, ҳизбҳо то рафт кам мегарданд. Баракс, дар идоракунии парламентӣ бошад, миқдори ҳизбҳо меафзояд.

б. Системаи интихоботӣ: азбаски дар чунин система баробарнамояндагӣ аст, ҳизбҳои хурд ҳам имкони ба парламент роҳ ёфтан доранд, бинобар ин бисёрҳизбӣ имконпазир аст.

# 2.Аломат ва вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ

Ҳизбҳои сиёсӣ манфиати кадом гурӯҳҳоеро ҳимоя намуда, як қатор вазифаҳо доранд.

- иҷтимоӣ
- сиёсӣ
- идеологӣ
- идоракунӣ
- интихобкунӣ

Вазифаи иҷтимоии ҳизб, пеш аз ҳама манфиатҳои иҷтимоии як гурӯҳ ё гурӯҳҳои ба ҳам наздики ҷомеаро ҷамъбаст намуда, ҳамчун ифодагари онҳо онро то ба дараҷаи мақомоти роҳбарикунандаи ҳокимияти сиёсии давлат расонидан, чораҳои воқеии амалӣ гардонидани онҳоро таҳия намудан, дар амалӣ гаштани онҳо бе восита иштирок намудан аст.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки аз ҳисоби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ сафашонро афзуда, дар ҷамъият дастгирии бештаре пайдо намоянд.

Вазифаи идеологии ҳизб бояд чунин масъалаҳоро дар бар гирад:

а) нақшаи умумии ба мақсадрасиро тартиб дода, барномаи иқтисодӣ ва сиёсии ҳизбиро муайян созад, яъне идеологияи ҳизбиро коркарда барояд.

б) тавассути воситаҳои дар ихтиёрашдошта идеологияашро таблиғу ташвиқ намуда, аъзоёнашро дар заминаи ғояҳои идеологию сиёсиаш тарбия намояд. Вай бояд ҳамагуна тағйироти дар давлат ва ҷаҳон ба вуҷудомадаро зуд аз назари таҳлил гузаронда, тибқи онҳо амал намояд. Ҳизб бояд ояндаи ҷомеаро дида тавонад.

Ҳадафи аввалину охирини ҳама ҳизбҳои сиёсӣ масъалаи ба даст овардани ҳокимияти сиёсист. Агар чунин имконият надошта бошад, кӯшиш менамояд, ки ҳеҷ набошад дар тақсими мансабҳои давлатӣ иштирок дошта бошад. Барои ин ҳизб аз байни худ намояндагони болаёқаташро ба аппарати идоракунӣ пешбарӣ менамояд. Онҳо дар тарбия намудани мутахассисон низ саҳм мегузоранд.

Дар интихобот намояндагонашро пешбарӣ намуда, аз имконияти интихоботӣ босамар истифода мекунад. Яъне вазифаи асосии худ- вазифаи сиёсиашро адо менамояд.

Яке аз вазифаҳои муҳими дигари ҳизби сиёсӣ иштирок дар идора кардани ҳокимияти сиёсист. Ҳангоме ки ин ё он ҳизб ба сари қудрат меояд, хоҳунохоҳ ба ҳизби давлатӣ табдил ёфта, марому мақсадашро ба тамоми табақаҳои ҷамъиятӣ таҳвил доданӣ мешавад. Ҳизби ба сари ҳокимиятомада, фаъолияти тамоми сохторҳои давлатиро тибқи мароми хеш аз нав ташкил намуда, фаъолияти онро дигаргун сохта, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро ба даст медарорад.

Маҳз аз фаъолияти роҳбарикунии ҳизб, гузориш ва ҳалли масъалаҳои дар ҳаёти ҷамъиятӣ амалишаванда ба обрӯю эътибори ҳизб вобастааст.

Вазифаи дигари ҳизб дар ҷомеа аз ҳисоби гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ доштани тарафдорон ҳангоми интихобот аст, ки ин вазифаи интихобии вайро нишон медиҳад.

Ҳизбҳои сиёсӣ инчунин вазифаи намонядагии робитаи байни ҷамъият ва давлатро таъмин менамоянд. Яъне манфиати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро муайян ва якҷоя намуда, тавассути онҳо ба ҳукумат ва қарорҳои вай таъсир мерасонад**.**

Онҳо мақсади сиёсиро муайян карда идеалогия, барнома ва стратегияи инкишофи ҷомеаро кор карда, оммаро ба амалишавии он бовар мекунонад.

Дигар вазифааш интихоб, тарбия ва пешбарии пешвоёну элитаҳои сиёсӣ барои ҳама дараҷаҳои системаи сиёсӣ мебошад. Вазифаи муҳимаш сафарбарнамоию иҷтимоикунонии сиёсии шаҳрвандон ва мубориза барои ба дастовардани ҳокимияти сиёсӣ аст.

Ҳизбҳо вобаста ба хусусияти рафтори сиёсиашон дар ҷамъият, мақомашон дар системаи сиёсӣ, ақидаҳояшон доир ба инкишофи ҷамъият ва самти идеологияшон ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешаванд.

## Ҳизбҳоро аз рӯи ҳадаф ва тарзи фаъолият ба чунин навъҳо ҷудо месозанд:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Аз рӯи мақсад – ҳизбҳои буржуазӣ** | **Ҳизбҳои интихобӣ-сотсиалистӣ** | **Майдабуржуазӣ** | **Ҳизби динӣ** |
| | консерваторҳои рост | комунистӣ | иттифоқи заминдорони Булғор | ҳизби насронияҳои демократ |
| | марказҳои либералӣ | сотсиалистӣ | ҳизби деҳқонии Полша | Италия [1] |
| | ислоҳотӣ | сотсиал - демократӣ | | |
| | | лебералӣ | | |

1. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250

Аз рӯи тарзи фаъолият, ният бошад ҳизбҳои пешрав (ҳизби коммунистии Чин), ҳизбҳои парлумонӣ (Канада, Австрия,) ҳизбҳои маъракаи интихоботӣ (ҳизбҳои ҷумҳурихоҳон ва демократҳо дар ШМА) ҷудо мешаванд.

Вобаста ба хусусияти рафтори сиёсӣ ҳизбҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

а) ҳизбҳои демократӣ - онҳо ҳизбҳоеанд, ки нисбат ба ҳама навъи ақидаҳо некбинона рафтор намуда, ҷонибдори гуногунандешианд, ба ҳама ҳизбҳо созиш ва ҳамкорӣ карда метавонанд ва ҳамкорӣ менамоянд;

б) ҳизбҳои тотолитарӣ - ба ин гурӯҳ ҳизбҳои сиёсие мутаалиқанд, ки итоати мутлақи дигар ҳизбу ҷунбишҳоро хостгоранд, муқобили ҳамагуна гуногунақидагӣ буда, ҷонибдори барқарорсозии идеологияи ягона мебошад.

Ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳамдигар на танҳо аз рӯи мақсади фаъолият ва тарзи фаъолият, балки идеология ҳам фарқ мекунад.

Ҳамин кифоя аст, бигӯем, ки ҳар кадом гурӯҳи иҷтимоӣ дорои идеологияи худ буда, манфиатҳои худро аз ҷиҳати назарявӣ муайян ва асоснок намуда, онҳоро ҳифз мекунанд.

Рафтори сиёсии ҳизбҳо ду тамоил:

а) чап

б) рост

Ҳизбҳои сиёсие, ки ба таври куллӣ дигар кардани сохти ҷамъиятро ҷонибдорӣ менамоянд, ҳизбҳои чап ё инқилобӣ номида мешаванд. Ҳизбҳои ба муқобили дигаргуниҳои иқилобӣ баромадкунандаро - ҳизби рост мегӯянд.

Доир ба умумият ва фаъолияти ҳизбҳо А.И. Куликов дар дастури таълимияш чунин схема пешниҳод кардааст:

| Тамоил | Либерализм | Консерватизм |
|---|---|---|
| Маънои мафҳум | Калимаи лотинии озод | Нигоҳдоштан, ҳифз намудан |
| Тамоил пайдо шуд | Инкишофи капитализм дар Аврупо дар асрҳои XVII- XVIII | Дар асри XVIII- XIX ҳамчун ҷавоб ба бенизомӣ ва харобшавӣ инқилоби бузурги Францияро ба вуҷуд овард. |
| Ғояи асосӣ | Ҳадалимкон доштани озодии фардӣ | Нигоҳ доштани анъанаҳои устувори ҳаёти ичтимоӣ |

| **Идеологияи кӣ?** | **Идеологияи синфи нав-буржуазия** | **Идеологияи кӯҳнаи аристократяи феодалӣ** |
|---|---|---|
| Тамоил | Неолиберализм | Неоконсерватизм |
| Фарқиятҳои сиёсӣ | 1.Давлат фаъолона иқтисодиётро танзим дода, иллатҳои бозорро бартараф менамояд.<br>2. Ба бекорон, аҳолии ғайриқобилимеҳнат ва камбизоат фаъолона ёрӣ медиҳад. | 1.Давлат ба худтанзимдиҳии бозор мудохила накунад.<br>2. Ҷонибдори ёрии ичтимоӣ |
| Мавқеи умумӣ | а) афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои шахс дар ҷомеа;<br>б) демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷамъият;<br>в) инкишофи самаранокии бозори озоди иқтисодӣ;<br>г) мудохилаи босуботи давлат дар соҳаи ҳаёти ичтимоӣ- иқтисодӣ [1]. | |

1. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250

# 3.Ҳаракатҳои оммавӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ

Ҳаракатҳои оммавӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ яке аз падидаҳои муҳим дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо ифодаи ирода, фикр ва хоҳиши мардум барои ба даст овардани тағйирот дар ҷомеа мебошанд. Мардум, вақте мебинанд, ки ҳуқуқ, озодӣ ё манфиатҳои онҳо поймол мешаванд, ба таври дастаҷамъона барои ҳимояи онҳо қадам мегузоранд.

Ҳаракати оммавӣ — ин амали дастаҷамъонаи одамон аст, ки бо ҳадафи муайян — аз тағйир додани қонун, то иваз кардани низоми иҷтимоӣ ё сиёсӣ анҷом дода мешавад.

Ҷунбиши мардумӣ бошад, шакли ташаккулёфтаи ҳамин ҳаракат аст, ки роҳбарият, барнома ва ҳадафҳои мушаххас дорад.

Ҳаракатҳои мардумӣ одатан аз як ё якчанд сабаби зерин сар мезананд:

Нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ — вақте як гурӯҳи одамон имкониятҳои кам доранд.

Фишори сиёсӣ ва набуди озодиҳо — мардум мехоҳанд озодона фикр ва амал кунанд.

Бӯҳронҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ — вақте арзишҳои миллӣ ё динӣ зери хатар меафтанд.

Таъсири ҷаҳонишавӣ ва ғояҳои нав — паҳншавии ғояҳои демократӣ, ҳуқуқи инсон ва адолат.

Ҳаракатҳои мардумӣ ба пешрафти ҷомеа таъсири калон мегузоранд:

сатҳи огоҳии шаҳрвандонро боло мебаранд;

адолати иҷтимоиро тақвият медиҳанд;

ба ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунанд;

ҳисси масъулият ва ваҳдати миллӣ ба вуҷуд меоранд.

Ҳаракатҳои оммавӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ ифодаи қудрати воқеии ҷомеа мебошанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки мардум қодир ба ҳимояи ҳуқуқ, арзиш ва манфиатҳои худанд.

Танҳо тавассути ваҳдат, дониш, фарҳанги сиёсӣ ва фаъолияти осоишта метавон ба тағйироти судманд ноил шуд.

# 4. Системаи ҳизбӣ ва навъҳои асосии он

Системаи ҳизбӣ навъи махсуси муносибатҳои мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ буда, механизми мубориза барои ба даст овардан ва дар амал татбиқ намудани ҳокимият мебошад. Ҳамчунин системаи ҳизбӣ маҷмӯи ҳизбҳои дар мамлакат мавҷудбударо дар бар гирифта, муносибатҳои мутақобилаи онҳоро ифода менамояд.

Хусусиятҳои муҳимми системаи ҳизбии ин ва ё он мамлакат бо назардошти омилҳои зерин муайян карда мешаванд:

- ҷойгиршавии қувваҳои иҷтимоию синфӣ;
- дараҷаи рушди сиёсии ҷомеа;
- дараҷаи шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ;
- анъанаҳои таърихӣ;
- таркиби миллӣ ва этникии аҳолии мамлакат;
- тафаккури динию мазҳабии мардум.

Системаҳои ҳизбӣ аз рӯйи шумораи ҳизбҳо, ки онҳо дар раванди муборизаи сиёсӣ ва дар раванди ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ширкат меварзанд, ба таври анъанавӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1. **системаҳои бисёрҳизбӣ;**

2. **системаҳои дуҳизбӣ;**

3. **системаҳои якҳизбӣ.**

**Системаи бисёрҳизбӣ.** Системаҳои бисёрҳизбӣ дар ҷомеа мавҷудияти як қатор ҳизбҳои сиёсиро таъмин намуда, ба онҳо им-кон медиҳад, ки барои ба даст овардани ҳокимият мубориза баранд. Системаи бисёрҳизбӣ имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ манфиатҳои худро хубтару беҳтар ҳимоя намоянд. Ҳамчунин, дар шароити системаи бисёрҳизбӣ рақобатпазирӣ ва оммавияти равандҳои сиёсӣ таъмин гардида, марҳила ба марҳила элитаи сиёсии ҷомеа таҷдиди назар мегардад.

**Системаи дуҳизбӣ.** Дар шароити системаи дуҳизбӣ дар мамлакат ду ҳизби сиёсии пурқудрате арзи ҳастӣ менамоянд, ки дар раванди мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ танҳо онҳо ширкат меварзанд. Вақте ки дар интихобот як ҳизб ғолиб мебарояд, ҳизби дуюм ҳатман мавқеи оппозитсиониро ишғол менамояд ва ҳамин тавр ҳокимият аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар интиқол меёбад. Баъзан дар шароити системаи дуҳизбӣ ҳизбҳои сеюм ва чорум ҳам арзи ҳастӣ менамоянд.

**Системаи якҳизбӣ.** Монополияи ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби як ҳизб моҳияти аслии системаҳои якҳизбиро ташкил медиҳад. Дар шароити мавҷудияти системаи якҳизбӣ рақобат ва муборизаи сиёсӣ ба назар намерасад. Зеро ҳизби ҳукмрон намегузорад, ки барои ба даст овардани ҳокимият неруҳои дигар мубориза баранд. Ҳарчанд дар шароити мавҷудияти режими авторитарӣ дар баробари ҳизби ҳукмрон ҳизбҳои дигар ба таври қонунӣ амал намоянд ҳам, самтҳои фаъолияти онҳо маҳдуд гардонида шуда, ҳеҷ гуна мустақилият надоранд. Ҳамзамон, ҳизбҳои сиёсии дар режими авторитарӣ мавҷудбуда нақши роҳбарикунандаи ҳизби ҳукмронро эътироф менамоянд. Чунин системаи ҳизбӣ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар Аврупои Шарқӣ, аниқтараш дар Булғория, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Полша ва Чехословакия ба вуҷуд омада буд.

## 5. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ масъалаи ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ва системаи бисёрҳизбӣ идома дорад. Аз сабаби он, ки дар мамлакати мо ҷанги таҳмилӣ оғоз гардид ва фазои низоӣ ба амал омад, то як муддати муайян буҳрони сиёсӣ Тоҷикистонро фаро гирифт. Бинобар ин, як қатор таҳлилгарон раванди ташаккулёбии системаи бисёрҳизбӣ ва ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистонро ба се марҳилаи алоҳида ҷудо намудаанд:

1. Солҳои 1990-1992 – пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсӣ. Дар ин давра бори аввал дар ҷумҳурӣ чунин ҳизбҳои сиёсӣ пайдо мегарданд: Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби меҳнати озод ва Ҳизби коммунистии Тоҷикистон.

13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» қабул мегардад, ки дар он нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо нишон дода шуда, ба воситаи қонуни мазкур муносибатҳои мутақобилаи ҳизбҳои сиёсӣ танзим гардида, ташаккули системаи бизёрҳизбӣ дар мамлакат таъмин карда мешавад.

Баъди қабули қонуни мазкур фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва Ҳизби демократии Тоҷикистон, ки соли 1993 манъ гардида буданд, дубора иҷозат дода мешаванд. Моҳи декабри соли 1998 Ҳизби аграрии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз менамояд, аммо дере нагузашта бинобар сабаби вайрон намудани талаботи асосии ҳизбӣ манъ карда мешавад ва танҳо соли 2005 фаъолияти он дубора иҷозат дода мешавад. Соли 1999 Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешавад ва баъди чанде фаъолияташ боз дошта шуда, баъди се соли дигар дубора фаъолияташ иҷозат дода мешавад. Инчунин, соли 2005 Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолияташ оғоз мегардад. 29 сентябри соли 2015 Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби воқеаҳои сентябрии ҳамон сол Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро ташкилоти экстремистию террористӣ эълон намуда, дар ҳудуди мамлакат фаъолияти онро манъ менамояд.

2. Солҳои 1993-1997 – ба вуҷуд омадани ҳизбҳои сиёсии нав. Дар ин давра чунин ҳизбҳои нав пайдо мегарданд: Ҳизби таҷдиди сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби ваҳдати мардумии Тоҷикистон, Ҳизби шаҳрвандию ватандӯстии «Иттиҳод», Ҳизби халқии Тоҷикистон (айни замон Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон), Ҳизби «Адолатхоҳ», Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби та-раққиёт ва адолат.

3. Солҳои 1998 то имрӯз. Марҳилаи рушду инкишофи системаи бисёрҳизбӣ, мутобиқгардонии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бо қонунгузории мамлакат ва фаъолгардонии нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа.

Айни замон дар фазои сиёсии мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ мавҷуд аст, ки онҳо дар ҳаёти сиёсии мамлакат ширкат меварзанд: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон.

# Адабиёт


1. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
2. Аристотель. Сочинения в 4 т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. - С. 376-644.
3. Мальцев, В. А. Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
4. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
5. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!